**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Насрединова Парвина Мухридиновна «Арзёбии экологии истифодашавии захираҳои ангишти конҳои “Ҳакимӣ” ва “Тошқутан (Шурхок)” ҳамчун сӯзишвории сахт» аз рӯйи ихтисосҳои 03.02.08- экология ва 02.00.03 - химияи органикӣ**

Насрединова Парвина Мухридиновна - ассистенти кафедраи коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, тайи 10 сол дар ҳамин кафедра кор ва фаъолияти илмию- омӯзгорӣ намуда намуда истодааст. Номбурда соли 2015 ба шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ қабул гардида онро соли 2018 хатм намудааст.

Аз соли 2017 то инҷониб мавзӯи «Арзёбии экологии истифодашавии захираҳои ангишти конҳои “Ҳакимӣ” ва “Тошқутан (Шурхок)” ҳамчун сӯзишвории сахт »-ро мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор додааст. Насрединова П.М. дар давоми ин солҳо маводи зарурии кори диссертатсионии худро ҷамъоварӣ намуда натиҷаи таҳқиқоти ӯ дар мақолаҳои илмии ба табърасонидааш инъикос ёфтааст. Муаллиф доир ба паҳлуҳои мухталифи мавзуъ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсия ва симпозиумҳои илмии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ якчанд маротиба маърӯза кардааст.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқитқи таркиби химиявӣ муаллиф самтҳои нави саноатии истифодашавии объектҳои тадқиқотии худро муайян намудааст, ки ин натиҷа аз аҳамият холӣ набуда он метавонад дар оянда дар пешрафти саноати истеҳсолоти сузишвориҳои алтернативӣ саҳми назарраси худро гузоранд.

Дар рафти иҷрои таҳқиқотҳои эксперименталӣ Парвина Мухридиновна усулҳои муосири экологияи муҳандисӣ ва методҳои химияи органикиро аз қабили pH-метрия, потенсиометрия, хроматографияи коғазӣ, хроматографияи тунукқабат, хроматографияи газӣ – моеъгӣ,

экстраксия, буғронӣ, калориметрия ва ғайраро аз худ намудааст. Аз худ намудани ин усулҳо бевосита ба такмил додани малакаю маҳорати ӯ таъсири мусбӣ расонида боиси коркарди баъзе усулҳои нави таҳлил гардид.

Мақолаҳои илмӣ ва фишурдаи диссертатсияи Насрединова П.М. мундариҷаи умумии диссертатсияро инъикос менамоянд ва ба ҳамаи талаботҳои таҳқиқотҳои кори диссертатсионии ихтисосҳои 03.02.08 - экология ва 02.00.03 - химияи органикӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Дар ин замина диссертатсияи Насрединова Парвина Мухридиновнаро кори илмии ба анҷомрасида ҳисобида, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз руйи ихтисосҳои 03.02.08 - экология ва 02.00.03-химияи органикӣ ба ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои химиявӣ
профессори кафедраи коркарди энергиябарандаҳо
ва хизматрасонии нафту гази ДТТ ба номи
академик М.С.Осимӣ Иброҳимзода Дилшод Эмом

Тасдиқ мекунам сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДТТ
ба номи акад. М.С.Осимӣ Шарипова Д. А.